«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои
таърих, профессор Ибодуллозода А.И.
_______________________
«__» ____________ соли 2022

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
## ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсияи **Давлатов Назримад Муродзода** дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ ба анҷом расидааст.

Давлатов Назримад Муродзода соли 2012 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси «лингвистика ва муносибатҳои байнифарҳангӣ» хатм кардааст.

Аз соли 2015 то соли 2018 ассистенти кафедраи услубшиносӣ ва назарияи тарҷума ва аз соли 2018 то ин ҷониб муаллими калони кафедраи мазкури Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият мебарад.

Мавсуф ба ҳайси унвонҷӯ соли 2018 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шуда, мавзуи номзадиаш дар Шурои олимони донишгоҳ аз 28.10.2020 №3/6.7 тасдиқ гардидаст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2023 аз ҷониби шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ .

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ чунин хулоса карда шуд:

Диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода таҳқиқоти пурмуҳтаво ва арзишманди илмӣ маҳсуб ёфта, он ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ бахшида шудааст.

Яке аз воҳидҳои муҳимми наҳви забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷумлаи мураккаб буда, аз ду ва зиёда ҷумлаҳои сода сознон мейбад ва дорои ягонагии маъно, сохт ва оҳанг аст.

Ба ин тариқ, омӯзиш ва таҳқиқи типологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки ҳар яке аз лиҳози басомади генетикӣ ба оилаи гурӯҳҳои гуногун мансубанд, дар ҳоли ҳозир хеле мубрам буда, дар шинохти амиқи забонҳои гурӯҳҳои эронӣ ва германии оилаи ҳиндуаврупоӣ метавонад мусоидат намояд.

Масъалаи омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии ҷумлаҳои пайрави ҳол яке аз мавзуъҳоест, ки аз замонҳои қадим то ба имрӯз таваҷҷуҳи наҳвшиносонро ба худ ҷалб кардааст. Аз омӯзиши осори илмии роҷеъ ба ин масъала маълум мешавад, ки ибтидои баррасии масъалаҳои мухталифи наҳви забонҳои муқоисашаванда ҳанӯз аз давраи асрҳои миёна шуруъ гардида, то ба имрӯз идома дорад. Аз солҳои панҷоҳуми садаи гузашта масъалаи ҷумлаҳои мураккаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ диққати махсуси забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст. Пажӯҳиши ҷумлаҳои мураккаб ҳамчун воҳиди махсуси наҳв дар забоншиносии муқоисавӣ ба яке аз масъалаҳои то ба ҳол пурра таҳқиқнаёфта ба шумор меравад.

Асосҳои назарии таҳқиқ ба осори илмӣ ва назарии забоншиносони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла Ш.Ниёзӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов, Н. Масъумӣ, Д. Тоҷиев, Р.Набиева, А. Эшонҷонов, Ш. Рустамов, С. Атобуллоев, Ф. Зикриёев, Д. Хоҷаев ва дигарон асос ёфтааст.

Ҳадафи аслии пажӯҳиш, пеш аз ҳама, таҳқиқ, омӯзиш ва таҳлилу муқоисаи вижагиҳои фарққунандаи ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар заминаи маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ба шумор меравад.

Дар таҳқиқи мавзуи мазкур як қатор вазифаҳо пеш гузошта шудаанд:

- омӯзиши муҳимтарин тағйиротҳо дар низоми таҳқиқи ҷумла;
- таснифи ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- муайян намудани вижагиҳои маъноии ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои таҳқиқшаванда;
- муайян кардани нақши воситаҳои алоқа дар сознони ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои муқоисашванда;
- муайян намудани тафовут ва умумияти ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- дарёфти роҳҳои ифодаи маъноии ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои таҳқиқшаванда.

Навгонии илмии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки ҷумлаҳои пайрави ҳол бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Ин намуди ҷумлаи пайрав дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо такя ба пешояндҳо, пайвандакҳо ва калимаҳои ҳамнисбат вобастабодарназардошти роҳҳои корбурди онҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Аҳамияти назариявиву амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои таҳлилу баррасии мавзуи мазкур ба ҳалли як қатор масъалаҳои назариявии низоми наҳви забонҳои муқоисашаванда мусоидат намуда, нуктаҳои асосии он дар омода намудани барномаҳои таълимии мактабҳои олии кишвар ва таълими фанни типологияи муқоисавӣ ё курси махсус оид ба наҳви забонҳои тоҷикиву англисӣ тавсия дода мешавад.

Диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар 14 мақола рӯйи чоп омаданд, ки 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Руйхати мақолаҳои нашршудаи муаллифи диссертатсия, ки дар нашриёҳои тавсияшудаи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Давлатов Н. М. Хусусиятҳои фарқкунандаи ҷумлаҳои пайрави тарзу амали забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов // // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ .–Душанбе, 2021.– № 4(93). – С. 120-126.

[2-М]. Давлатов Н. М. Нақши пайвандакҳо дар ташаккули ҷумлаҳои пайрави тарзи амали забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ/ Н. М. Давлатов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - Душанбе, 2020, №5 (88). – С. 27-31.

[3-М]. Давлатов Н. М. Хусусиятҳои корбурди ҷумлаҳои пайрав дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / Н. М. Давлатов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ .–Душанбе, 2020. – № 4 (87). – С. 88-92.

[4-М]. Давлатов Н. М. Роҳҳои корбасти пайвандакҳо дар сохтмонёбии ҷумлаҳои пайрави сабаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов // Гузоришҳои Академияи миллиии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2021, №4 (016) – С. 261-265.

[5-М]. Давлатов Н. М.,Ҷаматов С.С. Нақши калима ва таркибҳои ҳамнисбат ҳамчун воситаи алоқа дар ташаккули ҷумлаи пайрави миқдорудараҷаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов // Паёми Академияи миллиии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2022, №3

**Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷаллаҳо ва маҷмуаи маводи конфронсҳо:**

[6-М]. Давлатов Н. М. Пайвандакҳо ҳамчун воситаи алоқа дар ҷумлаи пайрави миқдору дараҷаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов // Забони миллӣ оинаи пурҷилои таърих: мав. конфренс. илмӣ-амал. ҷумҳур. – Душанбе, 2022 – С. 39-43.

[7-М]. Давлатов Н. М. Нақши пешояндҳои «сабаб ва мақсад» дар ташакули ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М.

Давлатов // Актуальные вопросы филологии и методы преподавания языков: мав. конфренс. сбор. стсатьей. – Душанбе, 2022 – С. 92-99.

[8-М]. Давлатов Н. М. Мақоми пешояндҳо дар ташаккули ҷумлаҳои пайрави ҳол / Н. М. Давлатов // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва лингводидактика дар заминаи муоширати байнифарҳангӣ: мав. конфренс. илмӣ-амал. ҷумҳур.. – Душанбе, 2021 – С. 238-240.

[9-М]. Давлатов Н. М. Хусусиятҳои корбурди ҷумлаи пайрави сабаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ, адабиётшиносӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои: мав. конфренс. илмӣ-амал. ҷумҳур. – Душанбе, 2021 – С. 30-31.

[10-М]. Давлатов Н. М. Вижагиҳои корбасти ҷумлаи пайрави монандӣ дар забони тоҷикӣ ва роҳҳои ифодаёбии он дар забони англисӣ / Н. М. Давлатов // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ, адабиётшиносӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои: мав. конфренс. илмӣ-амал. ҷумҳур. – Душанбе, 2021 – С. 28-30.

[11-М]. Давлатов Н. М. Нақши воситаҳои грамматикӣ дар созмони ҷумлаҳои пайрави макони забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н. М. Давлатов // Рушди забони давлатӣ дар партави гуфтугӯи фарҳангҳо: мав. конфренс. илмӣ-амал. байнал. – Душанбе, 2022 – С. 128-130.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи унвончӯ Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 –Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гаштааст пешниҳод гаштааст, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи корҳои диссертатсионии аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррargардида ҷавобгӯй мебошад..
2. Диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 –Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя тавсия мегардад.
3. Диссертатсияи мазкур ба экспертизаи даври дуюми муассиса пешниҳод карда шавад.

Ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзодаро кори илмии баанҷомрасидаи мубраму муҳим ва пурмуҳтаво меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф гардидааст ва ба талаботҳои таълифи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина диссертасияи

мазкурро барои муҳокима дар Шурои олимони факултет пешниҳод менамояд.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи кафедраҳои забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ ва услубшиносӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул карда шудааст.

Қарори мазкур дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ дар таърихи 22 июни соли 2022 суратҷаласаи №14 қабул карда шуд.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд** 15 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: "тарафдор" – 15 нафар, "муқобил" – нест, "бетараф" – нест.

Мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ, н.и.ф., дотсент — Асламов Ҳ. А.

Котиби ҷаласа — Тоҷиева Ф.Р.

Имзоҳои Ҳ.А. Асламов ва Ф.Р. Тоҷиеваро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозода А.

**Нишонӣ:** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992 224 13-83
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj
e-mail: info@tgpu.tj

24.06.2022